**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.05.2025, № 98

Барои сазовор донистани Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) аз 27-уми марти соли 2025, суратҷаласаи № 93 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Тағоймуродзода Санифа 27-уми январи соли 1974 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 1996 Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ)-ро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Аз моҳи апрели соли 2025 то ҳол ба ҳайси сармутахассиси Раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Солҳои 2018-2021 ҳамчун унвонҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**.

**Муқарризони расмӣ**: **Расулов Суҳайлӣ Мирзоқозиевич**, доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва **Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Иброимова Гуландом Наимовна, эксперт – доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент Холназаров Руҳулло Муҳаммадович, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси филология, дотсенти кафедраи мазкур Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Тағоймуродзода, С.Т. Исмҳои хоси сода ва сохта дар «Таърихи Систон» / С.Т. Тағоймуродзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ – Душанбе, 2018. – № 8. Қисми II. – С. 73-77.

[2-М]. Тағоймуродзода, С.Т. Исмҳои хоси мураккаб дар «Таърихи Систон» / С.Т. Тағоймуродзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 2. – С. 95-100.

[3-М]. Тағоймуродзода, С.Т. Баррасии вижагиҳои наҳвии исмҳои хос дар «Таърихи Систон» / С.Т. Тағоймуродзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 2. – С.78-87.

[4-М]. Тағоймуродзода, С.Т. Астионимҳо дар «Таърихи Систон» / С.Т. Тағоймуродзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 5. – С. 127-135.

[5-М]. Тағоймуродзода, С.Т., Ҳомидов, Д.Р. Номвожаҳои «Таърихи Систон» ва мансубияти забонии онҳо / С.Т. Тағоймуродзода, Д.Р. Ҳомидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 4. – С. 12-18.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Тағоймуродзода, С.Т. Баррасии забонии комонимҳои «Таърихи Систон» / С.Т. Тағоймуродзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами луғатшиносии тоҷик: мушкилот ва дурнамо» // Забон – ҳастии миллат. – Душанбе, 2023. – № 5. – С. 283-289.

[7-М]. Тағоймуродзода, С.Т. Корбурди номи деҳаҳо дар асари «Таърихи Систон» / С.Т. Тағоймуродзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Усулҳои такмили таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Кӯлоб, 2023. – С. 181-186.

[8-М]. Тағоймуродзода, С.Т. Онимҳои «Таърихи Систон» ва мансубияти забонии онҳо / С.Т.Тағоймуродзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» (16-17-уми май // Мактаби сиёсии Пешвои миллат (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Кӯлоб, 2024. – № 4. – С. 446-456.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» **Назарзода Маҳмуд Мирзо** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ, муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби муаллифи диссертатсия эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Бахши «Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ» такмил мехоҳад ва агар номгӯйи маърузаҳои конференсияҳо зикр мешуданд, хеле хуб мешуд ва ҳангоми нашри монография ба ҳамин ҷиҳатҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

2. Дар саҳифаҳои гуногуни автореферат ғалатҳои услубӣ, техникӣ ва риоя нагардидани Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба мушоҳида мерасанд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ **Икромова Гуландом Холовна** низ мусбат буда, ҳамзамон, бо зикри дастовардҳои илмӣ эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Ба андешаи мо, бахшҳои «Мубрамии мавзуи таҳқиқ» ва «Қисмати навгонии рисола» ташреҳи муфассалтарро тақозо доранд. Хуб мешуд, ҳангоми нашри монография ба нукоти мазкур аҳаммият дода шавад.

2. Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (с. 4, 8, 12), услубӣ (с.15) ва техникӣ (с. 9, 17) роҳ ёфтаанд, ки ба ислоҳ ниёз доранд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Назаров Меҳрубон Ниёзмадович** мусбат буда, муқарриз дар баробари дастовардҳо дар матни автореферати диссертатсия мавҷудияти ғалатҳоро зикр намудааст, ки чунинанд:

1. Дар таҳқиқот фасле доир ба вижагиҳои услубии ҷойномҳо ҷудо мегардид ва ин паҳлуи масъала низ равшанӣ меёфт, беҳтар мебуд.

2. Баъзе фаслу зерфаслҳо бенатиҷагирӣ ҷамъбаст шудааст, агар онҳо бо ду-се ҷумла натиҷагирӣ мегардиданд, боз арзиши илмии кор фузун мегардид.

3. Дар матни автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад (саҳ. 4, 5, 7...).

**4. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара **Раҳмоналиев Ҷовидон** мусбат буда, муқарриз чанд камбудиву носаҳеҳиро қайд намудааст:

1. Ба назари мо, дар фишурда истифодаи вожагони соҳавӣ, яъне истилоҳот яксон ифода наёфта, мансуби ҳам забони тоҷикӣ ва ҳам забонҳои дигар ба ҳисоб меравaнд. Хуб мешуд, ки ҳангоми нашри монография ба ҳамин масъала таваҷҷуҳ карда мешуд.

2. Дар фишурда истифодаи овонигории байналмилалӣ на ҳама вақт риоя гардидааст.

3. Дар диссертатсия ва фишурдаи он ғалатҳои имлоӣ (с. 4, 8, 12), услубӣ (с.15) ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо ислоҳ мехоҳанд.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид

карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– унвонҷӯ Тағоймуродзода Санифа бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқии самти забоншиносӣ ба омӯзиши масъалаи ономастика дар асари «Таърихи Систон» пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **анҷом додааст;**

– **собит шудааст,** ки пажуҳиши луғавию семантикӣ ва дастурии ономастикаи осори таърихӣ ва ҷуғрофӣ барои муайяну равшан кардани марҳилаҳои рушди забони адабӣ ва пурғановат гардидани забон дорои арзиши махсус мебошад;

– маводи ономастикии «Таърихи Систон» аз лиҳози забоншиносӣ ҷолиб буда, нахустин бор дар забоншиносии тоҷикӣ, хосатан, номшиносии он ба таври муназзам **таҳқиқ гардидааст**;

– **муайян карда шудааст,** ки воҳидҳои луғавии марбут ба онимҳо дар «Таърихи Систон» аз нигоҳи сохт сода, сохта, мураккаб ва ибора-онимҳо мебошанд;

– **мушаххас шудааст**, ки бештари онимҳои асар аз ҷиҳати решашиносӣ таърихи куҳан дошта, бо гузашти вақт ба дигаргунии маъноиву сохторӣ дучор гардидаанд;

– тавассути топоформантҳо ва бо таъсири забонҳои дигар шакл гирифтани онимҳо **таъин шудаст**;

– пайдоиши як гурӯҳ омонимҳои асар дар пайвандӣ ба ҳаводиси таърихӣ **таъин ва мушаххас шудааст**;

– пурғановат гардидани таркиби луғавии забон ба истифодаи ҷойному номвожаҳои марбут ба забонҳои гурӯҳи эронӣ ва ғайриэронӣ **муқаррар ва асоснок шудааст**.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои илмии бадастомадаро дар таълифи китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, ономастикаи таърихӣ ва ҷуғрофияи таърихию муосир, инчунин, дар мураттабсозии фарҳангу луғатномаҳои топонимӣ ва антропонимӣ метавон истифода кард.

Дар ҷараёни таҳқиқ ва таълифи диссертатсия таҷрибаи илмии забоншиносони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла С. Айнӣ, А. Мирзоев, Н. Маъсумӣ, К. Бартоломей, А.А. Фрейман, М.Н. Боголюбов, В.Б. Ҳеннинг, В.А. Лившитс, И.М. Оранский, В.С. Расторгуева, А. Хромов, Д.И. Эделман, Л.П. Борисович, С. Нафисӣ, Б. Қариб, М. Муин, А. Деххудо, М. Баҳор, С. Шамисо, З. Қосимӣ, Ж. Омӯзгор, А. Тафаззулӣ, А. Каримов, Д. Саймиддинов, Р. Ғаффоров, Д.

Хоҷаев, М. Қосимова, О. Муҳаммадҷонзода, Н. Офаридаев, Ҷ. Алимӣ, Ш. Исмоилов, Д. Ҳомидов, Б. Тураев, Р. Шодиев ва пешгуфтори фарҳангномаҳое, ки ба маводи ономастикӣ бахшида шудаанд, истифода шуда, ба афкори назарии онҳо истинод шудааст.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз метод ва равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ ва усули тасвирӣ истифода шудааст. Муҳаққиқ барои таҳлили ҷанбаҳои савтӣ, маъноӣ ва сохтории маводи ономастикии асар усулҳои шарҳдиҳӣ, мушоҳида ва оморро низ истифода кардааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои амалии кори диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми навиштани мақолаву рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, тартиб ва тадвини луғати соҳавии марбут ба вожашиносии таърихӣ, таърихи забони адабии тоҷик дар асрҳои IX-XI истифода шаванд. Маводи рисола ва мақолаҳои чопнамудаи диссертант барои истифода дар дарсҳои назарию амалӣ аз фанҳои лексикаи забони адабии тоҷик ва таърихи он заруранд. Ҳамчунин, хулосаҳои илмии диссертатсияро метавон барои таҳияи барномаҳои таълимии фанни вожашиносии забони тоҷикӣ, китобҳои дарсии марбут ба вожашиносии забони тоҷикӣ ва таърихи забони тоҷикӣ истифода кард.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар пажуҳиш аз таҳқиқоти забоншиносони ватанию хориҷӣ, луғатнигорон ва сарчашмаҳои адабию таърихӣ ба ҳадди зарурӣ истифода шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз ҷамъоварӣ ва нишон додани вижагиҳои луғавию маъноии маводди ономастикии асар, таҳқиқи хусусиятҳои вожасозии воҳидҳои ономастикии асар, хусусиятҳои маъноии анҷомаҳои ҷойномсоз дар асар, таҳлилу таҳқиқи қабатҳои ономастикии асар, яъне баррасии ҷойномҳо (топонимҳо), шаҳрномҳо (астионимҳо), деҳномҳо (комонимҳо), мавзеъҳои сатҳи заминӣ (оронимҳо), обномҳо (гидронимҳо) ва амсоли инҳо, нишон додани ҷанбаҳои забонии топоформантҳои антропонимсозу топонимсоз, баррасии сохтору маъно ва қолабҳои ономастикаи асар, таҳлили маводди асар аз ҷиҳати мансубияти забонӣ, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи мавриди пажуҳиш, теъдоди интишорот дар доираи мавзуъ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ дар заминаи таҳлили илмӣ пешниҳод шуда, натиҷаҳои бадастомада аз фаслу бобҳои кори пажуҳишӣ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дарки амиқи** масъалаҳои дар диссертасия тарҳрезишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, тавсияҳои пешниҳодшуда ва мушаххас баён гардидани андешаҳои диссертант нисбат ба мавзуи таҳқиқшуда муайян мекунад. Ҳамчунин, саҳми бевоситаи

диссертант дар он зоҳир мешавад, ки ӯ ҷанбаҳои назарию амалии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, аввалин маротиба хусусиятҳои луғавӣ ва сохтории ономастикаи «Таърихи Систон»-ро дар шакли пажуҳиши мукаммал, яъне диссертатсияи илмӣ ба таври системанок таҳқиқ намудааст.

Муносибати методологии муаллиф ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина мегузорад. Диссертант зимни баррасии мавзуъ, ибтидо аз интихоби он, интишори натиҷаҳои таҳқиқ ва пешниҳоди маълумот барои таҳқиқоти оянда натиҷаҳои фарогиру чашмрас ба даст овардааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29-уми майии соли 2025 дар бораи сазовор донистани Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Мирзоёров Ф.Н.

29.05.2025